**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Дадоҷонов Бобоҷон Ёқубҷонович дар мавзӯи "Асосҳои методии тартиб додани масъала барои истифодаи компютер дар раванди таълими математикаи мактабӣ (дар мисоли геометрия)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

Мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи мавзӯъро қарори Ҳукумати Тоҷикистон "Дар бораи накшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон намудани солҳои 2020–2040", татбиқи "Барномаи мақсадноки давлатии рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021–2025", "Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои давраи то соли 2030" водор менамояд.

Таҳлили муаммоҳои назариявӣ-методологӣ; коркарди технологияи таълим; тарҳрезии барномаҳои таълимӣ ба диссертант имконият додааст, ки низоми махсуси масъалаҳои таълимиро коркад карда ташаккули фаъолияти таълимии хонандагонро оид ба омӯзиши мафҳум ва муносибатҳои назариявии геометрияро бо истифодаи компютер таъмин намояд. Истифодаи компютер ба сифати воситаи таълим зарурати бознигарии бисёр матлабу коркардҳои назариявии дидактика ва психологияи педагогиро ошкор кардааст.

Системаи масъалаҳои таълимӣ имконияти тақсимоти функсияҳои идоракуниро байни компютер ва хонанда фароҳам меоранд ва барои функсияҳои навро азхуд намудани хонанда дар ҷараёни таълим мусоидат карда, ба ин восита гузаришро аз омӯзиш ба худомӯзӣ таъмин менамоянд.

Дар таҳқиқот модел ва моделикунонӣ ҳамчун амалиёти таълимии зерин истифода шудааст: ҳамчун воситаи материалӣ гардонидани муносибатҳои омӯхташаванда, ҳамчун такяи беруна барои азхудкардани муносибатҳои дохилӣ; ҳамчун воситаи ҷамъбасти ҳодисаҳои воқеӣ (конкретӣ) ва далелҳо (фактҳо); ҳамчун усули дохил кардани хонандагон ба соҳаи тафаккури илмӣ-назариявӣ; барои аз конкрет ба абстракт гузаштан; ҳамчун шакли айният.

Методикаи таълими коркардшуда ба мазмуни соҳаи «илмҳои педагогӣ» ва шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти олии касбӣ)» мувофиқ мебошад.

Диссертант дар натиҷаи таҳлили матиқӣ-психологии геометрия ба хулоса омадааст, ки байни шакли аёнӣ, ҳиссиву тоқа ва тасаввуроти дар он инкишофёбандаи умумӣ ихтилофи амиқ ҷой дорад. Системаи масъалаҳои таълимии коркардгардида, ки объекти онҳо аз нуқтаи назари ҳаётӣ ғайриодӣ ба ҳисоб меравaнд, барои шаклгирии мафҳумҳои назариявии геометрия истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаи омории таҳқиқот нишон додааст, ки динамикаи ташаккули сатҳи ташаккулёбии тафаккури назариявии хонандагон бо истифодаи компютер дар таълими фанни математика ва имкониятҳои хонандагони наврас оид ба омӯзиш ғояҳои геометрияи муосир исбот гардид.

Дархост. Диссертант дар банди тавсифҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пениҳод кардааст: 2.Системаи масъалаҳои таълимии коркардгардида, ки объекти онҳо аз нуқтаи назари ҳаётӣ ғайриодӣ ба ҳисоб мераванд, барои шаклгирии мафҳумҳои назариявии геометрия истифода бурдан мумкин аст; 4. Барномаҳои коркардшудаи таълимӣ (барои компютер) доир ба омӯхтани мафҳум ва муносибатҳои геометрӣ барои амалигардонии (материализатсияи) воситаи умумии таҳлили назариявии мафҳум ва муносибатҳои омӯхташаванда истифода бурдан мумкин аст.

Беҳтар мешуд системаи масъалаҳои таълимӣ ва барномаҳои коркардгардида ба сифати дастури методӣ пешниҳод мешуд.

Хулоса, диссертатсияи Дадоҷонов Бобоҷон Ёқубҷонович дар мавзӯи «Асосҳои методии тартиб додани масъала барои истифодаи компютер дар раванди таълими математикаи мактабӣ (дар мисоли геометрия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи касбӣ) ба ҳимоя пешниҳод ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва худи муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои педагогӣ,
и.в. дотсенти кафедраи
математикаи олӣ ва информатикаи
ДПДТТХ ба номи М.С. Осимӣ Раҳимов Амон Акпарович

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи И. Сомонӣ 226,
Тел.: (+992) 927212607

Имзои Раҳимов А.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ДПДТТХ ба номи М.С. Осимӣ Ёқубова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО